Ба Шурои дисссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Буни ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 8, синф 102), E-mail: shuro004@mail.ru

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло дар мавзӯи "Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз руи ихтисоси 6D050601- Назарияи иқтисодӣ пешкаш карда мешавад.**

Дар шароити ҳозира бошад омӯзиши асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва муайян намудани таъсири он дар рушди иқтисодёти Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле зарур аст. Аммо хароҷоти ками буҷети давлатӣ, ки ҳамчун манбаи асосии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъминкунандаи рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, дар соли 2023 ҳамагӣ ба 143,5 млн.сомонӣ ё 0,1 фоизи ММД баробар гардидааст. Ҳолати мазкур наметавонад мушкилотҳои мавҷудаи пешрафти илмӣ-техникиро ба монанди дар сатҳи паст будани таъминоти модиву техникии илм, набудани инфрасохтори муосири илмӣ, кам будани мутахассисони соҳавӣ, дар сатҳи паст будани робитаи илм бо истеҳсолот ва маҳдудият дар дастрасӣ ба маълумотҳои оморӣ аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки ба пешрафти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа эҷод менамоянд, бартараф намояд.

Татбиқи афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, андешидани тадбирҳои дахлдорро дар самти беҳтар намудани пешрафти илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб менамояд. Чункӣ айни ҳол омӯзиши асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ, муаян намудани методология, икнон медиҳад, ки вазъи имрӯзаи пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу арзёбӣ, омилҳои меонашаванда ошкор ва смтҳои пешрафти илмӣ-техникӣ дуруст интихоб карда шуда, роҳҳои пешниҳод намуда дар татбиқи механизми иқтисодӣ дар самти дастгирии давлатӣ оид ба рушд ва пешрафти илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Ҳамаи гуфтаҳои дар боло зикршуда аҳамияти тадқиқотро оид ба проблемаҳои тезондани пешрафти илму техника дар шароити иқтисодиёти давраи гузариш муайян мекунанд. Азбаски рушди

пешрафти илмию техникӣ ба кишварҳои дорои низоми иқтисоди бозорӣ низ хос аст, таҳқиқот дар ин самт дар оянда ҳам барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим боқӣ хоҳад монд. Маҳз мавҷудияти чунин мушкилотҳо муҳиммияти мавзуи тадқиқотии интихобгардидаро бештар менамояд. Аз ҷониби диссертант асосҳои назариявии пешрафти илмӣ тихникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра таҳлил ва баррасӣ гаштааст. Дар автореферати диссертатсия баробари бурдбориҳо камбудиҳо низ мавҷуд аст, ки онҳоро дар чунин шакл пешиҳод менамоем:

1. Нишонаҳои пешрафти илмӣ-техникӣ дар саҳ.13-и автореферат дар шакли расм оварда шудааст. Хуб мешуд, ки диссертант нишонаҳои пешрафти илмӣ-техникиро дар шакли ҷадвал пешниҳод менамуд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки эроди болозикр хусусияти тавсиявӣ дошта, сатҳи назариявию амалии таҳқиқотро коҳиш намедиҳад. Диссертатсияи аз ҷониби муҳаққиқ пешниҳод гашта, кори илмии пурра иҷрошуда ба ҳисоб меравад. Дар охир ба хулосае омадан мумкин аст, ки диссертант Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло дар мавзӯи “Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ тихникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050601- Назарияи иқтисодӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва рақамикунонии КАС-и ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур** **Пирназаров Ш.М.**

**Имзои Пирназаров Ш.М.-ро тасдиқ менамоям. Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои ДАТ ба Ш. Шоҳтемур** **Қурбонзода А.Х.**

**Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146
**Tel./Fax.:** (992-372) 24 72-07
**E-Mail.:** rectortau31@mail.ru